4. **Мушаххас карда шудааст**, ки мавқеи уфуқӣ ва рушди фазоӣ-замонии комплексҳои гранитоидӣ-магмавии Ҳисору Олой тамоюли умумии табиии геодинамикии минтақаро инъикос мекунад.

5. **Собит карда шудааст**, ки комплексҳои гранитоидӣ-магмавии бо минерализатсияи алоқаманд мувофиқи хусусиятҳои генетикии минтақавӣ системаҳои гранитоидии маъданӣ-магмавиро ташкил медиҳанд, ки бештар дар робита бо Au, W, Sn, Fe ва REE ифода меёбанд.

6. **Муайян карда шудааст**, ки барои кашфи конҳои нав комплексҳои гранитоид-магмавии марҳилаҳои субдуксияв-коллизиявӣ ва плитавии таҳавуллоти Ҳисору Олой умедбахштарин мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо ҳаҷми бузурги чи маводи инфиродии муаллиф ва чи ҷалби маълумоти дастраси муҳаққиқони қаблӣ, иштироки шахсӣ дар корҳои саҳроӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди маводи аввалия, таҳияи мақолаҳо ва монографияҳо асоснок карда мешавад. Асоси маводҳои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқоти дарозмуддати муаллиф (1993-2025) дар самтҳои рушди комплексҳои гранитоидҳои Тоҷикистони Марказӣ: Туркистону Олой, Зарафшону Ҳисор ва Ҳисори Ҷанубӣ мебошад. Диссертатсия инчунин ба маводи экспедитсияҳои амрикоӣ-россиягӣ-тоҷикистонӣ (2004), амрикоӣ-тоҷикистонӣ (2010, 2011), италиявӣ-тоҷикистонӣ (2010), тоҷикистонию россиягӣ (2001, 2012) дар минтақаҳои рушди гранитоидҳои фанерозоии Тоҷикистон бунёд ёфтааст. Диссертатсия бар пояи пойгоҳи додаҳо, ки дар асоси маводи инфиродӣ, инчунин маводҳои нашршуда ва бойгонӣ, аз ҷумла тавсифи шлифҳо (844 адад), таҳлилҳои минералогии аксессорӣ (548), таҳлили петрохимиявӣ (3172 таҳлил), минералҳои асосии таркиби гранитоидҳо (Би, Пл, КПШ) (810), геохимиявӣ (4669), таҳлили битуминологии гранитоидҳо (82), микрозондӣ (74), таҳлилҳо, маълумоти изотопӣ-геохимиявӣ (86) таҳия шудааст. Таҳқиқот массивҳои гранитоидӣ ва гурӯҳҳои массивҳои андозаҳои гуногунро фаро мегирад. Натиҷаҳои таҳлилҳои кимиёвӣ (оксидҳои петрогенӣ, F), спектралӣ (Tl, B, Be, Sc, Ga, Hf, Sn, Cu, Zn, Ag, Ta, Ni, Co, V, Cr), спектрии рентгенӣ (Mo, U, Th, Y, Pb, Sr, Ba, Zr, Nb), люминессенсия (Rb, Li, Cs), радиометрии рентгенӣ (Sr), нейтронию актиатсионӣ (Au) ва спектрохимиявӣ (Au, Ag) истифода шуданд. Як қатор унсурҳо (Ag, Ni, Co, V, Cr, Mo, Pb, Sr, Ba, Zr, Nb, Rb, Au) ҳамзамон бо якчанд усул таҳлил карда шуданд, ки эътимоднокии баланд ва такроршавандагии тартиботи таҳлилиро таъмин карданд.

Корҳои лабораторӣ ва таҳлилӣ оид ба таҳлили таркиби макро- ва микрохимиявӣ дар ИГСЗТС (шаҳри Душанбе), Институти минералогия, геохимия ва химияи кристаллии унсурҳои нодир (Москва), экспедитсияҳои он (Бронитская, Федератсияи Россия, шаҳраки Ҳайдаркон, Қирғизистон), Институти геохимияи Шуъбаи сибирии Академияи илмҳои Россия (Иркутск), дар Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург (Санкт-Петербург), Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва экспедитсияҳои он, институти геологияи ба номи А.П.Карпинский (ш.Санкт-Петербург), ИГЕМ, ВИМС, Институти геология ва минералогияи Шуъбаи Сибирии Академияи илмҳои Россия (ш.Новосибирск), Институти физикаи ҳаставии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Лабораторияи таърихи табиии Британияи Кабир (шаҳри Лондон) анҷом дода шуданд. Маълумоти сершумори таҳлилӣ ва тавсифӣ оид ба петрология ва геохимияи гранитоидҳои Ҳисору Олой ва маълумоти муқоисавӣ барои ҷаҳон аз асарҳои хулосавӣ ва истинодӣ гирифта шудаанд [29, 65, 83, 90, 98, 102 ва диг.].

Усулҳои таҳқиқот – усулҳои назариявӣ, эмпирикӣ ва оморӣ барои коркарди маълумоти сифатӣ ва миқдорӣ, таҳлили васеи иттилоот, умумӣ, муқоиса ва таснифот дар асоси омӯзиши пойгоҳи додаҳоро дар бар гирифтаанд. Барои коркарди маълумот, муқаррар кардани қонунитҳои миқдорӣ, арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои миқдорӣ ва визуализатсияи натиҷаҳо барномаҳои дастраси MS Office, VBA ва барномаи Statgraphics истифода шудаанд. Усулҳои статистикӣ истифодаи статитистикаи якченакӣ ва махсусан бисёрченакӣ, инчунин меъёрҳои ғайрипараметриро дар бар гирифтаанд. Маълумоти геохимиявӣ мувофиқи тавсияҳои ҷорӣ коркард карда шуда аст [111]. Асоси консептуалии диссертатсияро фарзияҳои маъмули тектоникии плитаҳо ва плюмҳо, ки робитаҳо ва муносибатҳои мушоҳидашудаи магматизм, тектоника ва таҳаввули Заминро ба таври воқеӣ шарҳ медиҳанд, қабул шудаанд [1, 71, 111, 138 ва ғайра].

Мутобиқати натиҷаҳои кор ба ихтисоси илмӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба нуктаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 1.6.16. Геологияи умумӣ ва минтақавӣ мувофиқат мекунад:

1. Таҳияи минтақабандии сохторӣ-форматсионӣ дар асоси таҳлили синну солӣ, тақсимоти стратиграфӣ, таркиб ва сохтори комплексҳои моддии муайяншуда дар минтақа (Минтақабандии латералии террейни аккретсионӣ-коллизиявии Ҳисору Олой дар асоси муайянкунӣ ва таҳлили фазоӣ-замонии комплексҳои сохторӣ-маводии гранитоидии синну сол ва таркибҳои гуногундошта ошкор карда шуда аст).

2. Рамзкушоии мансубияти форматсионии комплексҳои сохторӣ–моддӣ, барқарорсозии ташаккули силсилақаторҳои форматсионии уфуқӣ (Ҷойгиршавии амудӣ ва уфуқии террейни аккретсионӣ-коллизиявии Ҳисору Олой дар асоси муайян ва таҳлили фазоӣ-замонии комплексҳои гранитоидӣ-магмавии Ҳисору Олой таҳия шудааст).

4. Амсилаҳои (моделҳои) геодинамикии ташаккули комплексҳои сохторӣ-форматсионии (таҳшинӣ, магмавӣ ва метаморфизмӣ) мансуб ба минтақаи мушаххас, тавсифи муқоисавии хусусиятҳои онҳо (Модели геодинамикии

ташаккули комплексҳои гранитоидӣ-магмавии фанерозойии минтақаи Ҳисору Олой – қисмати Тийон-Шони Ҷанубӣ таҳия шудааст).

5. Амсилаҳои (моделҳои) рушди геологии минтақаҳо: таҳияи моделҳои фазоӣ-замонии рушди онҳо ва таҳлили қонуниятҳои тағйирёбии таркиб ва сохтори форматсияҳои таҳшинӣ, вулканӣ-таҳшинӣ, магмавӣ ва маъданӣ (Модели фазоӣ-замонии рушди минтақаи Ҳисору Олой таҳия шуда, қонуниятҳои тағйирёбии таркиб ва сохтори шаклҳои таҳшинӣ, вулканогенӣ-тақшинӣ, магмавӣ ва системаҳои маъданӣ-магмавии тиллоӣ дар минтақа муайян карда шудаанд).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар натиҷаҳои диссертатсия дар иҷрои вазифаҳои иҷрокунанда, иҷрокунандаи масъул ва роҳбари илмии мавзӯъҳои лоиҳаҳои таҳқиқотии маблағгузоришаванда, мавзӯӣ ва шартномавии аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ИГСЗТС, Маркази таҳқиқотӣ ва истеҳсолии «Недра» ифода меёбанд. Муаллиф шахсан натиҷаҳои бадастоварда, инчунин хулосаҳои калидии диссертатсияро коркард ва тафсир кардааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дар семинарҳои назариявии факултети геология, конфронсҳои солонаи апрелии ДМТ (1993-2025), машварати умумииттифоқии минералогӣ (Қизил, 1992), машварати байналмилалии термобарогеохимияи системаҳои эндогенӣ (Душанбе, 1996), машварати байналмилалӣ (Югославия, Бор, 2002), тренинг-семинари байналмилалии омӯзишӣ оид ба захираҳои маъдании Осиёи Марказӣ (Туркия, Анқара, 1998), семинар-машварати «Илм барои истеҳсолот» (Душанбе, 2002), машварати петографии умумироссиягӣ (Новосибирск, 2003), Форуми байналмилалии геологӣ «Илмҳои заминшиносӣ дар Ӯзбекистон: мушкилот, вазъият ва вазифаҳои афзалиятнок дар рушд ва такрористеҳсоли пойгоҳи маъдании ҷумҳурӣ» (Тошканд, 2021),, Симпозиуми X умумироссиягӣ ва Хонишҳои XVII умумироссиягӣ ба хотираи академик А.Е. Ферсман (Чита, 2025), «Омилҳои тектоникӣ, магмавӣ, метаморфизмии ташаккул ва ҷойгиршавии конҳои маъдан ва маъданҳои ғайриметаллӣ. Хонишҳои Заваритский» (Россия, Екатеринбург, 2017), конфронси байналмилалии «Мушкилоти экологияи қаламравҳои кӯҳӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Тошканд, 1993), «Масъалаҳои геология ва технологияи ашёи хоми минералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 1999), «Олимони чавон ва илми муосир» (Душанбе, 2003), «Мушкилоти муосири таҳлили форматсионӣ, петрология ва маъданнокии ташаккулҳои магмавӣ» (Новосибирск, 2003),, «Мушкилоти геология, геоэкология ва коркарди конҳо дар Тоҷикистон» (Душанбе, 2003), «Мушкилоти муосири геология ва геофизика» (Тошканд, 2007), «Мушкилоти геохимияи равандҳои эндогенӣ ва муҳити зист» (Иркутск, 2007), «Дурнамои рушди илм ва маориф дар асри 21» (Душанбе, 2007), «Геодинамикаи Помир» (Потсдам, Германия, 2010), «Геология дар асри 21» (Алмаато, 2011), «Масъалаҳои муосири геодинамикаи минтақавӣ ва минералогияи Помиру Тийон-Шон» (Душанбе, 2012), «Масъалаҳои муосири таҳқиқоти геологӣ ва сейсмологӣ дар Тоҷикистон» (Душанбе, 2012), «Захираҳои унсурҳои нодирзамин дар минтақаи» Осиёи Марказӣ» (Бишкек, 2013), «80-солагии

таъсиси Экспедитсияи комплексии Тоҷикистон» (Душанбе, 2013), «Мушкилоти петрология ва минералогияи Осиёи Марказӣ» (Душанбе, 2014), «Геология ва сейсмикияти қаламрави Тоҷикистон» (Душанбе, 2014), «Геодинамика, минерализатсия ва проблемаҳои геоэкологии Тийон-Шон» (Бишкек, 2015), «Рушди илми геологӣ дар Қирғизистон» (Бишкек, 2016), «Ҳамгироии илм ва амалия ҳамчун механизми рушди самараноки саноати геологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» (Тошканд, 2016),, «Мушкилоти муосири геология» (Душанбе, 2020),, «Мушкилоти мубрами геология ва геофизика» (Тошканд, 2020),, «Идоракунии устувори замин - вазъият, мушкилоти кунунӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Душанбе, 2021),, «Масъалаҳои мубрами геология, усулҳои инноватсионии пешгӯӣ, истихроҷ ва технологияҳои коркарди маъданҳо» (Тошканд, 2022),, «Мушкилоти геологияи муҳандисӣ, гидрогеология, гидрология ва рушди конҳои маъдан дар Тоҷикистон ва қаламравҳои ҳамшафат» (Душанбе, 2022),, «Навовариҳо дар геология, геофизика ва географи-2024» (Душанбе, 2024),, «Мушкилоти геология ва рушди сангшудаи захираҳои маъданӣ» (Душанбе, 2024), конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 1997, 1999, 2000-2004, 2006-2025), ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ба анҷом расидаанд.

Дар мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ зиёда аз 60 мақолаи илмӣ нашр шудаанд, ки 24-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда мебошанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзӯи диссертатсия 76 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 25 маҷола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 7 монография ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 6 боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, 59 расм, 30 ҷадвал иборат буда, дар 330 саҳифа пешниҳод шудааст.

Сипосгузорӣ. Гузаронидан ва, хоса, анҷом бахшидани таҳқиқоти диссертатсия бе дастгирӣ ва кумаки ҳамкорон ва дӯстон имконнопазир мебуд. Муаллиф аз ҳамкоронаш дар ДМТ ва ИГСЗТС изҳори сипос мекунад ва барои ташаккули системаи назария ва тафаккури петрологӣ ва геохимиявӣ, дастгирӣ ва машварат аз д.и.г.м., профессор Ҳасанов А.Х., н.и.г.м., дотсент М.М. Мамадвафоев, н.и.г.м., дотсент Ф.Ш. Искандаров ва И.У. Раҳмонов миннатдор аст. Корҳои муштарак ва ҳамкории созанда бо д.и.г.м., узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон В.И. Буданов ва д.и.г.м., профессор А.Г. Владимиров (ИГМ ШСАИР), н.и.г.м., корманди калони илмӣ Ю. Мамаҷонов (ИГСЗТС) ба татбиқи геодинамикавии таҳқиқоти петрологӣ-геохимиявӣ ва таҳлили интиқодии нуқтаи назар мусоидат кардаанд. Диссертатсияро эроду машварати д.и.г.м., Н.Н. Крук (ИГМ ШСАИР), д.и.г.м., Борисенко А.С., д.и.г.м., Руднев С.Н. д.и.г.м., академики АИҶҚ Бакиров А.Б., д.и.г.м., Сакиев К.С. (АМИ Қирғизистон) такмил ва беҳбуд бахшидаанд. Муаллиф аз эшон изҳори ташаккур мекунад.

МУНДАРИҶАИ ДИССЕРТАТСИЯ

Ҳисору Олой, қисмати тоҷикистонии Тийон-Шони Ҷанубӣ, аз ҷиҳати географӣ шохаҳои қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор ва Олойро дар бар мегирад ва қисми муҳаррики канории минтақаи чинзадаи Уралу Муғулистони герсиниро ифода мекунад (расми 1).



Расми 1. Мавқеи умумии Ҳисору Олой дар минтақаи Помиру Тиёншон.

Дар ҳудуди он минтақаҳои геоструктурии Туркистон-Олой, Зарафшону Ҳисор ва Ҳисори Ҷанубӣ ташаккул ёфтаанд. Рушди магматизми гранитоидӣ дар Ҳисору Олой дар таърихи топалеозойӣ ва палеозойии он сабт шудааст. Шиддати бузургтарини он ба марҳилаи охири палеозойи таҳаввули он хос аст.

Таваҷҷӯҳ ба рӯйдодҳои гранитоидии минтақаи Ҳисору Олой ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи таърихи он дар марҳилаҳои аввали таҳқиқоти систематикӣ ва илмӣ-асосии ин минтақа, бо кори Экспедитсияи муттаҳидаи тоҷикистонӣ ва Экспедитсияи тоҷикистонӣ-помирӣ пайдо шуд. Геология, петрография, минералогия, геохимия, геохронология ва дигар хусусиятҳои магматизми гранитоидҳои Ҳисору Олой дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Таҳлили муфассал ва арзёбии кори анҷомдодашуда дар рисола оварда шудааст.Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар монографияҳои калонҳаҷм ҷамъбаст шудаанд [1, 71, 111, 138 ва диг.]

Гранитоидҳои Ҳисору Олой, ки мавқеи муҳими геологӣ ва таърихиро ишғол мекунанд, яке аз бузургтарин минтақаҳои магматизми Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд. Аз аввали солҳои 1960 то аввали солҳои 1990 таҳқиқоти систематикии геологӣ, петрологӣ ва геохимиявии гранитоидҳо барои таҳқиқоти геологӣ ва мақсадҳои мавзӯӣ гузаронида шуданд. Ин таҳқиқот ҳамчун асос

барои таҳияи схемаҳои магмавӣ, муқаррар кардани пайдарпайии ташаккули гранитоидҳо, таснифоти онҳо, арзёбии миқдори маъдани онҳо ва ғайра хизмат карданд. Хусусиятҳои геологӣ, петрографӣ, минералогӣ, петрохимиявӣ ва геохимиявии гранитоидҳо муайян карда шуданд, ки онҳоро ба комплексҳо (зиёда аз 70), фазаҳо (то 8), ташаккулҳо ва типҳо тақсим карданд, онҳоро пайдарҳам гузоштаанд (хронология) ва дар бораи пайдоиши онҳо (магмавӣ, метасоматикӣ, метаморфӣ), мавқеи геодинамикӣ ва ғайра маълумот доданд. Дар айни замон, таҳлил нишон медиҳад, ки сохторҳои гуногун, ки аксар вақт ба мавқеъҳои гуногуни консептуалӣ асос ёфтаанд, ба таҳияи модели ягонаи генезиси гранитоидҳо дар Ҳисору Олой дар робита бо раванди умумии таҳаввули геодинамикии минтақа мусоидат намекунанд. Аз тарафи дигар, «яке аз сабабҳои тафсири норавшани сохтори геологии Ҳисору Олой дараҷаи нокифоя ва нобаробари омӯзиши комплексҳои гранитоидӣ-магмавӣ мебошад. Инчунин, набудани тафсир ва тавзеҳи муҳити геодинамикии рушди гранитоидҳои Ҳисору Олойи Тоҷикистон ба таҳлили муқоисавӣ ва коррелятсия бо рӯйдодҳои геологии қаламравҳои марзӣ, ки дар онҳо таҷдиди геодинамикҳо дар асоси тектоникии плитаҳо бомуваффақият анҷом дода шудаанд, мусоидат намекунад» [49, 70, 89, 101 ва диг.]. Чунин вазъи масъала таҳқиқоти муфассалро талаб мекунад.

Дар **боби аввал** «Комплексҳои граниоидӣ-магмавӣ ва геодинамикаи орогенҳо (шарҳи таърихӣ)» таърихи омӯзиши гранитоидҳои Ҳисору Олой, инчунин методологияи таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсиф шудааст.

Асоси назариявии диссертатсия мафҳумҳои тектоникаи плитаҳо ва плюмҳо мебошанд, ки робитаҳо ва муносибатҳои мутақобилаи магматизм, тектоника ва таҳаввули Заминро ба таври воқеӣ шарҳ медиҳанд [1, 70, 121, 141 ва диг.]. Методологияи таҳқиқот ба татбиқи чор принсипи асосии барқарорсозии геодинамикӣ асос ёфтааст: мобилизм, актуализм, таърихият ва прагматизм.

Барои муайян кардани қонуниятҳои ташаккули таркиби мавод, сохтор ва дигар хусусиятҳои гранитоидҳо дар асоси «маълумоти петрогеохимиявӣ ва визуализатсияи онҳо, диаграммаҳои гуногуни таснифот, муайянкунӣ, дискриминантӣ, кластерӣ ва дигар воситаю усулҳо, ки амалан умуман қабул шудаанд, ба таври васеъ истифода шуданд» [88, 94, 100, 111, 135 ва ғайра].

Дар Боби 2 « Рушди геологии Ҳисору Олой дар фанерозой», қайд карда мешавад, ки марҳилаи фанерозойи рушди Ҳисору Олой пеш аз тақсим шудани плитаи Авруосиё ва ташаккули протоконтиненти Қазоқистон-Қирғизистон буд. «Фарз карда мешавад, ки протоконтинент сохтори пурраи силсилавиро ифода мекард, ки дар натиҷаи якҷояшавии (амалгаматсия) блокҳои гуногун ба супертеррейн табдил ёфта аст» [71]. «Ҳангоми коллизияи камонҳои ҷазиравии Қазоқистон ва Тийон-Шон бо микроконтинентҳо, террейни навташкилшудаи Қазоқистон-Қирғизистон бо қишри континентӣ пайдо шуд, ки бо плутонизми пуршиддати гранитоидии коллизияӣ тавсиф мешавад» [101].

Уқёнуси Туркистон, ки субмеридионалӣ васеъ мешуд [49], аз як тараф, бо канораҳои ғайрифаъоли микроконтиненти Қазоқистон-Қирғизистон, ва аз тарафи дигар, бо микроконтинентҳои Тарим ва Бойсун иҳота шуда буд. Буртман В.С идеяи мавҷудияти се микроконтинентро дар Тийон-Шон:

Қирғизистон, Олой ва Тоҷикистон дастгирӣ менамояд. Дутои аввалро ҳавзаи Туркистон ва дутои охиринро (баъдтар) палеоҳавзаи (палеобассейни) Ҳисор ҷудо мекарданд.

Дар бораи якпорагии палеоуқёнуси Туркистон ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки «палеоокеан аз чанд қисм, ҳадди аққал аз чор ҳавза иборат буд: Қирғизистон-Туркистон, Туркистон, Зарафшон ва Ҳисор. Ба ғайр аз ин, кушодашавии ҳавзаҳо баробарзамон, якваҷта набуда, балки пайдарпай (аз шимол ба ҷануб) сурат гирифта аст: дар Rf_2, O_1, S_2-D, C_1» [101].

Боби сеюм «Хусусиятҳои таснифоти моддии гранитоидҳо ҳамчун нишондиҳандаҳои муҳити геодинамикӣ», ба таҳлили муфассали истифодаи таснифоти дискриминантии гранитоидҳо ҳамчун воситае барои барқарор кардани муҳити геодинамикӣ, хусусиятҳои таснифоти петрогеохимиявии гранитоидҳо ва схемаҳои мавҷудаи типизатсияи геохимиявии гранитоидҳо бахшида шудааст.

Таснифоте, ки бар асоси принсипи омехта асос ёфтааст, айни замон барои типизатсияи гранитоидҳо бо мақсадҳои барқарорсозии геодинамикӣ, яъне тақсим ба A-, C-, I-, M-, O-, S-, AD-, Sh- ва як қатор дигар (омехта) типҳо маъмул аст [90, 128].

Дар адабиёти геохимиявии шӯравӣ, типизатсияи геохимиявии Л.В. Таусон [88] хеле маъмул буд (хусусан дар солҳои 1980). Баъдтар онро Г.П. Недашковский бо тафсилоти типҳои мавҷуда ва муайян кардани типҳои нав пурра ва васеъ кард [65]. Ин типизатсия нисбати гранитоидҳои Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф бомуваффақият татбиқ карда шуд ва ба ҳалли як қатор масъалаҳои пайдоиши гранитоидҳо ва миқдори маъдан мусоидат кард.

«Хаин В.Е. гранитоидҳоро мантиқан дар асоси равиши омехта неву, балки бар асоси ҷудо кардани «вобаста ба манбаи магма» ба се категорияи асосӣ ҷудо карда аст: мантиявӣ, қишрию мантиявӣ ва қишри заминӣ, ки баъдан ба гурӯҳҳо дар асоси муҳити геодинамикии ташаккули онҳо тақсим карда мешавад» [106]. Ин таснифот айни замон ҳам талабот дорад.

Мушкили асосии типизатсияи гранитоидҳо ҳамгароии (конвергенсия) таркибҳои онҳост. Тасодуфӣ нест, ки маҳз ҳамин мураккабӣ асоси шубҳаҳо дар бораи дурустии истифодаи таснифоти гранитоидҳо барои ташхиси шароитҳои геодинамик ва умуман барои қабули қарорҳо дар бораи пайдоиши ҷинсҳои кӯҳии магмавӣ гардидааст [87, 140]. «Ҳалли боэътимоди мушкилоти конвергенсия метавонад таҳқиқи маҷмавӣ (комплексӣ) бошад, яъне муайян кардани ҳамаи хусусиятҳои мавод: петрохимия, геохимия, минералогияи асосӣ ва аксессорӣ, татбиқи салоҳиятноки онҳо ва аз ҳама муҳим, - таҳлили ҳамаҷонибаи таърихи геологии гранитоидҳоро дар бар гирад» [106, 138].

Таснифоти геохимиявии гранитоидҳои Ҳисору Олой низ қаблан аз ҷониби дигар муҳаққиқон анҷом дода шуда буд (Лутков В.С., Мелниченко А.К., Могаровский В.В. ва диг.). Аз сабаби фарқиятҳо дар принсипҳои таснифот, онҳо табиатан яксон нестанд ва аз ин рӯ аксар вақт мухолифанд. Асарҳои В.М. Ненахов ва ҳаммуаллифон, ки дар дар мисоли гранитоидҳои минтақаи

Зарафшону Туркистон таснифоти онҳо анҷом дода шудааст ва масъалаҳои геодинамикӣ баррасӣ шудаанд, махсусан ҷолибанд [70, 71].

Боби чорум «Типҳои петрогеохимиявии гранитоидҳои Ҳисору Олой», тавсифи муфассали петрогеохимиявии гранитоидҳои Ҳисору Олой ва хусусиятҳои типҳои муайяншударо дар бар мегирад.

Бар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи мавод, диссертант бори нахуст типизатсияи петрогеохимиявии гранитоидҳои Помиру Тийон-Шон, қисмати тоҷикистонии Ҳисору Олойро, бахусус, анҷом ва ба таври систематикӣ такмил дода аст (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Типҳои петрогеохимиявии гранитоидҳои Ҳисору Олой

Сатҳи манба	Типҳои петрогеохимиявӣ	Комплексҳои[1] минтақавии амсилавӣ, синну сол
Қишризаминӣ	Гранитҳои оҳакию ишқорӣ	Южноварзобский C_3-R_1, Ачикалминский P_1[2]
	Гранитҳои металлҳои нодири плюмазит	Хочилерский P_1, Дарайваижрудский C_3-P_1
	Гранитҳои металлҳои нодири субишқорӣ	Акбайджумонский C_3
Қишриюмантиявӣ	Гранитоидҳои латиандезитӣ	Чинарсайский C_{2-3}
	Гранитоидҳои латитӣ	Джавонинский P_1, Алмалисайский P_1, Курукский P_1
Мантиявӣ	Плагиогранитҳои толейитӣ	Ходжамафрачский C_{1-2}
	Гранитоидҳои андезитӣ	Гиссарский C_2 (Саридеволский, Девдаринский, Оксуйский, Североварзобский ва ғ.)
	Гранитҳои металлҳои нодири агпаитӣ - гранитҳои ишқорӣ	Наукрумский P-T, Обибарзангинский P-T, Обилайский P_1, Алайский P_1

Бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва фарқкунандаи Ҳисору Олой, мо баъзе типҳои наверо ҷудо кардем.

Усули асосии муқаррар кардани шароити геодинамикии ташаккули гранитоидҳо таҳлили таркиби онҳо мебошад. «Барои мақсадҳои геодинамикӣ, дар баробари маълумоти геохимиявӣ, маълумоти петрохимиявӣ, минералогӣ ва дигар маълумотҳо низ истифода мешаванд. Таснифоти гранитоидҳо аз рӯи умқи тавлид ба мафҳуми тавлиди магма дар сатҳҳои гуногун асос ёфтааст. Мувофиқан ба ин, миёни гранитоидҳои қишризаминӣ, қишрию мантиявӣ ва

[1] Номҳои комплексҳои минтақавии амсилавӣ, ки исми хосанд, ба тоҷикӣ дар навишти аслӣ оварда шудаанд. Дар матни берун аз ҷадвал, дар ҳолатҳои зарурӣ зарур донита шуд, ки тарҷимаи маъмули комплексҳо истифода шавад.

[2] Синну соли комплексҳои интрузивӣ мувофиқи ақидаҳои маъмултарин нишон дода шудааст. Дар баъзе мавридҳо, синну сол аниқ карда шудааст, ки махсусан таъкид карда мешавад.

мантиявӣ, ки умуман ба типҳои петрогенетикии сиалӣ, сиалӣ-мафӣ ва майӣ мувофиқат мекунанд, фарқи возеҳ гузошта мешавад» [106, 121 ва диг.].

Гранитоидҳои қишризаминӣ

Гранитҳои оҳакию ишқорӣ дар байни гранитоидҳои Ҳисору Олой маъмултарин мебошанд. Онҳо дар ҳама минтақаҳо васеъ инкишоф ёфтаанд. Бузургтарин намояндагони ин тип комплексҳои Варзоби Ҷанубӣ ва Ачикалма мебошанд. Комплекси Варзоби Ҷанубӣ дар минтақаи Ҷанубии Ҳисор инкишоф ёфтааст. Он массивҳои Варзоби Ҷанубӣ ва Ромитро дар бар мегирад. «Намояндагии массиви ин комплекс – Варзоби Ҷанубӣ (350 км мураббаъ) шакли батолитмонанд, дарозрӯя буда, тамосҳои тектоникӣ ва интрузивиро дорад. Амиқ муайян карда шудааст, ки массивҳои ин комплекс гранитоидҳои комплекси C_2-и Ҳисорро (комплекси Варзоби Шимолӣ) ва дайкаҳои порфирии гранодиоритии онҳоро рахнамеккарда мебурад. Тағйироти экзоконтактӣ (фелдспатизатсия, роговикшавӣ, скарншавӣ) суст инкишоф ёфтаанд. Таркиби комплекс асосан гранитӣ аст: гранитҳои биотит-порфирӣ, дар баъзе ҷойҳо дайкаҳои гранитҳои аплитӣ вомехӯранд» [87, 140].

Плутони ВарзобВ Ҷанубӣ ба оғози раванди плутонизми саросарӣ ва бузургмиқёс ишора мекунад. Дар канораҳои шимолӣ воридшавии массаи гранитоидҳо боиси пайдоиши васеъи шикастаҳои пул-пулак гардидааст, ки шиддати он бо масофа аз хати тамос коҳиш меёбад. Массив (зиёда аз 350 километри мураббаъ) бо ҷинсҳои кӯҳии таҳҷоӣ тамосҳои тектоникӣ дорад.

Маҷмааи Ачикалма P_1 дар минтақаҳои Зарафшону Туркистон ва Зарафшону Ҳисор инкишоф ёфта, форматсияи гранит-гранодиоритҳоро ташкил медиҳад. Массивҳои асосии онҳо: Ачикалма (400 км мураббаъ) ва Минбулоқ (200 км мураббаъ) мебошанд. Массивҳо дискордантиянд (батолитҳо, штокҳо), дар атрофи онҳо минтақаҳои васеи роговикҳо, скарнҳо, минтақаҳои мусковит, сафедшавӣ ва ғайра паҳноӣ ёфтаанд. Маҷмаа бисёрфаза буда, таркибаш гуногун аст: диоритҳои квартсӣ, гранодиоритҳо, гранитҳои порфирмонанд, лейкократӣ, дуслюдавӣ, мусковитӣ (баъзан бо Тур[1]). Петротипи асосии маъмул гранитҳо ва гранодиоритҳо мебошанд. Диоритҳои квартсӣ одатан дар массивҳои хурдтар вомерахӯранд. Таркиби умумии маҷмаа оҳакию ишқорӣ аст.

Дар минтақаи Зарафшону Туркистон ба ин тип кмоплекси Туркистон C_3, ки плутони калони Тро-Самжентро (зиёда аз 200 км мураббаъ) бо гранитҳои порфирнамо ва гранодиоритҳо дар бар мегирад, шомил аст. Гранитҳои порфирнамо аз 24,5Pl (№ 5-18) + 49,2КПШ (микроклин) + 22,1Кв + 2,6Би +

[1] Оғоз ин ҷо ва баъдан чунин ихтисораҳо ва ишораҳо истифода шудаанд: Аб – албит, Акц – акцессорные минералы, Амф – амфибол, Ан – анортит, Ап – апатит, Би – биотит, Гип – гиперстен, ГМК – маҷмааи (комплекси) гранитоидию магмавӣ, Гр – гранат, Ди – диопсид, Дол – доломит, Илм – илменит, Кв – квартс, КК – кларки ғуншавӣ, КПШ – шпати саҳроии калийнӣ, Крд – кордиерит, Мнц – монатсит, Мт – магнетит, Мус – мусковит, Орт – ортоклаз, Пир – пироксен, Пл10 – плагиоклазҳо ва рақами онҳо, Рог – роговая обманка, Руд –минерали маъданӣ, СММ – системаи маъданию магмавӣ, МСМ – маҷмааи (комплекси) сохторӣ-моддӣ, Сил – силлиманит, Сф – сфен, Тур – турмалин, Фор – форстерит, Цир – сиркон, ISr – 87Sr/86Sr.

0,8Амф ва гранодиоритҳо аз 33,8Пл (№ 5-18) + 29,4КПШ (микроклин) + 19,8Кв + 7,1Би + 9,3Амф иборатанд. Минералҳои аксессорӣ апатит, сиркон, магнетит ва гранатро дар бар мегиранд.

Хусусиятҳои петрогеохимиявии гранитҳои калий-ишқорӣ якхелагии онҳоро бо хусусиятҳои дигар минтақаҳои ҷаҳон нишон медиҳанд.

Дар диаграммаи секунҷа (расми 2) таркибҳои навъҳои гуногун майдонҳои гуногунро ташкил медиҳанд. Гранитоидҳои оҳакию ишқорӣ ва латиандезитҳо, ки аксар вақт баъзеҳо онро як навъ меҳисобанд, махсусан фарқ мекунанд.



Расми 2. Таркиби минералҳои аксессории баъзе типҳои гранитоидҳо.
Тл – плагиогранитҳои толейитӣ, ИШ – гранитоидҳои оҳакию ишқорӣ, ПР – гранитҳои металлҳои нодири плюмазит, СР – гранитҳои металлҳои нодири субишқорӣ, Ла – гранитоидҳои латиандезитӣ, Ан – гранитоидҳои андезитӣ.

Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки чунин хулоса кард: «минералҳои асосӣ, бахусус минералҳои аксессории гранитоидҳои фанерозойи минтақаи Ҳисору Олой, инчунин таркиби геохимиявии онҳо, фарқиятҳои шароити геодинамикии ташаккулро ба таври возеҳ инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, ассотсиатсияи минералҳои аксессории гранитоидҳоро метавон ҳамчун асос барои типизатсияи геодинамикӣ ҳамчун хусусияти иловагӣ бомуваффақият истифода бурд» [121, 122].

Ҳамин тариқ, натиҷагирии маълумоти таҳлилӣ оид ба минералогия, петрохимия ва геохимияи типҳои петрогеохимиявии гранитоидҳо фарқиятҳои доимии онҳоро нишон медиҳад. Минералогияи асосӣ ва аксессории гранитоидҳо асосан хусусиятҳои хосаи петрохимиявии гранитоидҳоро низ инъикос мекунад.

Боби панҷум «Шароитҳои пайдоиши комплексҳои гранитоидию магмавии Ҳисору Олой» шароити геологию геодинамикии пайдоиши гранитоидҳо ва нақши онро дар таҳаввули қишри континентии минтақа тавсиф мекунад.

Магматизми гранитоидӣ чун магматизм дар умум, дар минтақаи Ҳисору Олой нобаробар ва асинхронӣ (дар саросари минтақаҳои геоструктурӣ) зоҳир шуда аст, ки натиҷаи шароити гуногуни геодинамикии замон аст. Рушди заифи комплексҳои вулканию плутонӣ дар минтақаҳои Зарафшону Туркистон ва Зарафшону Ҳисор (бо паҳншавии фавқулоддаи онҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷанубӣ) эҳтимолан бо субдуксияи якҷо бо обдуксияи қишри уқёнусии дар як замон (синхронӣ) дар марҳилаи палеозойи охири ин минтақаҳо зуҳурёфта алоқаманд буда, нақши беназири инъикоскунандагӣ (экран) дорад.

Типҳои петрогеохимиявии ҷудокардашудаи гранитоидҳои Ҳисору Олой бо шароити мушаххаси тавлид ва ташаккул мутобиқан ба сатҳи гудохташавӣ (қишризаминӣ, қиширию мантиявӣ ва мантиявӣ) тавсиф мешаванд.

Гранитоидҳои қишризаминии минтақаи Ҳисору Олой, сарфи назар аз гуногунии типҳои петрогеохимиявӣ (гранитҳои оҳакию ишқорӣ, гранитҳои металлҳои нодири плюмазитӣ, гранитҳои металлҳои нодири субишқорӣ), як қатор хусусиятҳои умумӣ доранд. Пеш аз ҳама, ин маҳдудшавии асосии онҳо ба чунин муҳитҳои геодинамикӣ ба монанди «камонҳои ҷазиравӣ ва канорҳои фаъоли континентӣ мебошад. Гранитоидҳои оҳакию ишқорӣ плутонҳои калонро ташкил медиҳанд, одатан ассотсиатсияҳои вулканию плутониро аҳком мебахшанд ва бо муҳитҳои камонҳои ҷазиравӣ алоқаманданд. Гранитоидҳои латиандезитӣ аз нигоҳи пайдоиш хело ҷолибанд. Дар бораи пайдоиши онҳо фарзияҳои гуногун пешниҳод шудаанд: контаминатсиявию ассимилятсиявӣ, саттелитию дифференсиалӣ, палингенӣ ва ғайра» [92].

Минтақаи Ҳисору Олой бо фаъолияти баланди сейсмикӣ тавсиф мешавад: он дар наздикии манбаи заминларзаи амиқи Ҳиндукуш, ки эҳтимолан барои ҳаракатҳои тектоникии шикаставӣ масъул аст, ҷойгир аст. Таҳқиқотҳои сершумор фарзияи субдуксияи континентиро, ки омили асосии ташаккули саросарии гранит дар минтақаи Ҳисору Олой мебошад, дастгирӣ мекунанд. Субдуксияи континенталии дар C_3-P_1 рухдода бо ҳаракатҳои чинзанию рузанӣ ҳамроҳ буда, магматогенези гранитоидӣ ва ишқорӣ-гранитоидиро ҳам дар атроф ва ҳам дохили сохтори Ҳисору Олой таъмин кардааст [49, 70]. Воридшавии плитаи Ҳиндустон дар зери микроконтиненти Қазоқистон-Қирғизистон (поддвиг) ҳамчун ҳаракати қабати (пластинаи) азими тектоникии тамоми қишри Замин зуҳур мешавад. Тафсилоти қисми ҷанубу ғарбии ареали заминларзаҳо дар минтақаи коллизия ва буриши сеченакаи (3D) ҷойгиршавии марказҳои заминларза мавҷудияти субдуксияи континентиро нишон медиҳанд (расми 3). Чунин субдуксия метавонад шароитро барои ғудохташавии ҳаҷми зиёди гранит, хоса дар қисмати шимол -шимолу ғарбии он, фароҳам оварад [113].

Тензорҳои фишурдашавӣ, ки қад-қади минтақаи сейсмофокалии фронти плитаи Ҳиндустон равона шудаанд, ба шиддати каддии плитаи континентӣ ишора мекунанд, ғафсии назарраси ин минтақа (зиёда аз 100 км) бошад, эҳтимолан, натиҷаи субдуксияи литосфераи континентӣ - плитаи Ҳиндустон ба зери плитаи Авруосиё (ё блокҳои Ҳиндустон) бошад.

Дар умум, фарзияе ҷой дорад, ки тибқи он пас аз субдуксияи қишри уқёнуси палеоуқёнуси Туркистон дар зери қитъаи Қазоқистон-Қирғизистон, дар давраи C_2m–C_3g, коллизияи қитъаҳои Олой-Тарим ва Қазоқистон-Қирғизистон ба амал омада, ҳамзамон (дар умқ, дар мантия) субдуксияи қишри континентии террейни Олой-Тарим ба зери террейни Қазоқистон-Қирғизистон ба вуҷӯъ пайваст. Коллизияи континентӣ боиси пайдоиши маҷмааи рӯпӯшидаю чиндор қад-қади сутураи палеоуқёнуси Туркистон гардид. Субдуксияи литосфераи континентӣ, бахусус барои Помир ва дигар минтақаҳои ҷаҳон дар манотиқи мухталифи Ҷаҳон, масалан, Тибет, мушоҳида шудааст [101, 106, 121 ва диг.].



а б

Расми 3. Схемаи эҳтимолии субдуксияи континентӣ дар қисми ғарбии Помиру Тийон-Шон.
а – харитаи зилзилаҳои таърихӣ [аз вебсайти Хадамоти сейсмологии ИМА: https: //www.usgs.gov/]; б – бурриш қад-қади хати А–А´

Шароити маъданфизоии гранитоидҳо ва зарфияти онҳо бо ҷудо кардани системаҳои маъданию магмавӣ дар **боби шашум** «Маъданнокии комплексҳои гранитоидию магмавӣ ва шароити зуҳури онҳо» баррасӣ шудааст. Боб бо таҳлили муфассали семантика ва мундариҷаи мафҳуми «системаи маъданӣ-магмавӣ» оғоз мешавад. Қайд карда мешавад, ки СММ як шакли ташкили геологии материя аст. СММ дар адабиёти геологӣ ҳамчун мафҳуми муҳиме эътироф шудааст, ки робитаи муайяни байни минерализатсия ва ташаккулёбии магмаро тавсиф мекунад [29, 102, 120, 130].

Системаҳои маъданӣ-магмавии Помиру Тийон-Шон танҳо дар даҳсолаҳои охир ҳамчун як категорияи мустақили геологӣ ба объекти таҳқиқот табдил ёфтаанд. Сарфи назар аз аҳамияти амалии назарраси онҳо, системаҳои маъданӣ-магмавии Помир-Тийон-Шон ба таври кофӣ омӯхта нашуда, дар Ҳисору Олой бошад, умуман таҳқиқ нашудаанд. Аввалин нашрияҳои муаллиф дар бораи системаҳои маъданӣ-магмавии Помир-Тийон-Шон, бахусус Ҳисору Олой нишон доданд, ки ин самт умедбахшу ояндадор аст. Муайян кардани системаҳои маъданӣ-магмавии Ҳисору Олой ба мо имкон медиҳад, ки ташаккулёбии гранитоидӣ-магмавӣ ва минерализатсияи марбут ба онро ба як воҳиди ягона системабандӣ кунем. Асоси ин муайян кардани робитаи устувори генетикии (ё парагенетикӣ) байни онҳост. Дар асоси таҳлили типҳои петрогеохимиявии гранитоидҳо, рушди минерализатсияи алоқаманд, ҳамзамон пайдоиши фазоӣ-замонӣ ва омилҳои геологӣ-сохторӣ, литологӣ-петрографӣ, минералогӣ-геохимиявии пайвастагии эҳтимолии минерализатсия, системаҳои гранитоидии маъданӣ-магмавии (СГММ) Ҳисору Олойро ҷудо карда шудаанд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Системаҳои гранитоидии маъданӣ-магмавии Ҳисору Олой

Давоми ҷадвали 2

Синну сол	СГММ	Массивҳои гранитоидӣ – петротипҳои типҳои петрогеохимиявӣ	Минерализатсияи алоқаманд
C-P_1	Нодирметаллию гранит-лейкогранитӣ (гранитҳои субишқории нодирметаллӣ)	Пайрон-Хонақо (17), гурӯҳи танаҳои Нейлу (21), Х (22), гурӯҳи танаҳои К Варзоби Ҷанубӣ (28)	Маъданҳои саноатӣ
C_3-P_1	Гранит-гранодиоритии қалъагидор (бо ашёи хоми турмалин-сангҳо қимматдор) (оҳакию ишқорӣ)	Испан (1), Вадиф (4), Рама-Вадиф (Бузту) (5)	Ояндадор
C_3-P_1	Нодирметаллию лейкогранитӣ (гранитҳои плюмазитӣ)	Ходанго (39), Бодравон (40), Дихаданг (41), Дараиванҷруд (42)	Ояндадор
C_3-P_1	Гранит-лейкогранит (Гранитҳои металлҳои нодири зериишқорӣ)	Ромит	Маъданҳои ояндадор нисбати F, Pb, Zn,
C_{2-3}	Габбро-гранитоид Гранитоидҳои силсилаи андезит	Тойқутал, Ангишт (1), Майхура (2), Кабутӣ (3), Вистон ва Заповедная (4), Пахтакишот (5), Тойқутал (6), Девдара (7), Қурбон (8), Обигарм-Сорбух (9), Оҳангарон (10), Болоӣ (112), (13), Комсомолобод-Каняз (14), Сиёҳдара (15), Чақштага (16), Канорӣ (17)	Ояндадор нисбати Pb, Zn,
C_{2-3}	Металли нодир-маъдани тиллои латиандезит	Чинорсой (4), Вору (5), Амшут (6), Яфч (9), Пете (10), Шадон (11), Рарз (12), Пиндар (13)	Конҳои саноатии Ау, Ғарбӣ (Ҷилау, Хирсхона, Чорроға, Пштифарфар, Чоре, Дуоба ва ғайра)
C_2	Гранитоидҳои оҳакию ишқорӣ (андезит)-и дорои қалъагӣ	Пиндар (13), Тагобикул-Кумарғ(14)	Ояндадор нисбати Sn
C_{1-2}	Скарн-магнетит-габбро-плагогранит гранитоидҳои силсилаи толейитӣ	Гурӯҳи танаҳои Ширкент (14), Ҷалчӣ (16), Хоҷамафрач (18), Гурумсой (19), Хонақо (24), Хоҷабед (25), Лучоб (26), Харангон (29)	Ояндадор нисбати Fe, Au
P_2-T_1	Гранити ишқории замини нодир, гранитҳои агпаитӣ	Барзанги (39)	Ояндадор нисбати REE
P_1?	Флюорит-замини нодир-фонолит-нефелин-граносиенит	Гурӯҳи танаҳои Ахбасой (7), Оқсой (8)	Зуҳуроти флюорит, унсурҳои нодиризамин, Nb (?), ояндадор нисбати REE, Nb, F
P_1	Металли нодир (Nb - Ta)	Ҷиндон (2), Обимазор-	Зуҳуроти Nb ва Ta

Анҷоми ҷадвали 2

Синну сол	СГММ	Массивҳои гранитоидӣ петротипҳои типҳои петрогеохимиявӣ	Минерализатсияи алоқаманд
	- пегматит-лейкогранит (гранитоидҳои металли нодири плюмазитӣ)	Шаҳисафед (6)	
P_1	УНЗ (?)-ии гранит-гранодиоритии оҳакию ишқорӣ	Дастрнорас (31), Агуюрма (32), Ҷами-Қирғиз (33), Ачикалма (34), Мулаисафед (45), Минбулоқ (46), Қарагушхона (48), Тутеки поён (49)	Минерализатсияи саноатӣ дар робита бо

Анҷоми ҷадвали 2

			нест, аммо эҳтимоли баланди маъдандории REE мавҷуд аст.
P_1	Монсонитоидии шошонит-латити волфрамдор	Гурӯҳи танаҳои Қурук (23)	Маъданнокии парагенетикӣ алоқаманд (W, Mo)
P_1	Латитии Sn-W-дор (квартс-монсодиоритӣ, квартс-сиенитӣ, гранити субишқорӣ - аъзои турши силсилаи латит)	Ҷавонӣ (33)	Аз ҷиҳати парагенетикӣ, эҳтимолан, генетикӣ, минерализатсияи алоқаманди Sn, W, Mo мавҷуд аст

Эзоҳ. Рақамҳо (дар қавсҳо) рақамҳои массивҳоро дар «Нақшаи минтақабандии ҶШС Тоҷикистон ва қаламравҳои ҳамшафат аз рӯи типҳои комплексҳои интрузивӣ» 1:1 000 000 (Замимаи 2) [Харитаи геологии ҶШС Тоҷикистон, 1984] нишон медиҳанд.

Ҳар як системаи маъданӣ-магмавӣ бо типи мушаххаси петрогеохимиявӣ ва минерализатсияи маъданӣ тавсиф мешавад. Дар байни гранитоидҳо гранитоидҳои силсилаи латитӣ асосан бо аломати баланди маъданнокӣ фарқ мекунанд. Зуҳуроти эндогенӣ, ки ба ташаккулёбии шошонит-латит-монсонит аз ҷиҳати генетикӣ алоқаманданд, системаҳои азим ва маъмули ҷаҳонии маъданӣ-магмавиро ташкил медиҳанд [88, 87, 141].

Чунин системаҳои маъданӣ-магмавӣ одатан ҷинсҳои эффузивӣ, субвулканӣ, интрузивӣ ва фатсияҳои дайкавӣ, инчунин минерализатсияи пасазмагмавӣ, ки онҳоро ҳамроҳӣ мекунанд, дар бар мегиранд. Онҳо сохторҳои мураккаби магмавии маъдандорро ташкил медиҳанд. Дар минтақаи Ҳисору Олой гранитоидҳои латитӣ нисбатан ба наздикӣ ошкор карда шуданд. Потенсиали маъдании ин иттиҳодия муфассал арзёбӣ нашудааст, барои ин таҳқиқоти минбаъдаи густурда зарур аст [65, 129].

Эҳтимол, зуҳуроти хурди порфирии Cu-Mo, ки дар минтақаи шикастаи Ширатала мустақар аст, инчунин рӯзадаҳо монсонитҳои дар жарфи хурд ҷоқгиршудаи массиви Қуруқ ва қабатҳои шошонитҳою латитҳои свитаи ангорисой, бо иттиҳодияи (ассосиатсияи) шошонит-латит-монсонит алоқаманд бошанд. Ба назар чунин мерасад, ки минерализатсияи шеелит дар кони Майхура, ки дар рӯйи скарнҳои магнезиалӣ рушд ёфтаанд, низ бо ин ассосиатсия алоқаманд бошад.

Хусусияти маъдандории гранитҳои субишқорӣ тавассути диаграммаи F-(Rb+Li)-(Ba+Sr), инчунин тавассути арзиши баланди индекси консентратсия

(ИК=+9.2…+16.9) ошкор карда мешавад, ки дараҷаи нисбатан баланди консентратсияи унсурҳои нодирро нишон медиҳад. Консентратсияи максималии онҳо дар минтақаҳои назди тамос ва дар маҳсулоти дифференсиатсияи эманатсияҷӣ мушоҳида мешавад; дар баробари ин, онҳо инчунин миқдори зиёди W, Be, Nb, B, Li доранд. Бояд ба назар гирифт, ки интрузияҳои СММ одатан буриши пасти эрозиявӣ доранд. Рушди минерализатсияи металлҳои нодир эҳтимолан дар наздикии тамосҳои нишебии пастдошта (қисми гумбазӣ) ва ҷинсҳои ҳамсояи таркиби карбонатидори таҳҷоӣ, ки дар он шароити мусоид мавҷуданд, мушоҳида мешавад [49, 106].

Гранитҳои плюмазити металлҳои нодир бо таркиби туршӣ ва ултратуршӣ ва ишқорнокии баланд (калий) тавсиф мешаванд. Онҳо дорои консентратсияи баланди B, F, Rb, Li, Ta, Nb ва Be ва арзишҳои ИК буда, дар минтақаи онҳо фелдспатизатсия, албитизатсия ва грейзенизатсия васеъ паҳн шудаанд. Онҳо инчунин минерализатсияи бор ва қалъагӣ, майдонҳои пегматитро дар бар мегиранд.

Минерализатсияи маъдани оҳан аз ҷиҳати генетикӣ бо плагиогранитоидҳои ҷазиравӣ-камонии толейитии минтақаи Ҳисори Ҷанубь алоқаманд аст. Дар ин ҷо эҳтимоли ташаккули маъдани тилло, инчунин Au-полиметаллӣ ва Cu-Mo-ии аз ҷиҳати парагенетикӣ алоқаманд имконпазир аст. Тибқи маълумоти Экспедитсияи иктишофии геологии Ҷанубии Тоҷикистон (1984), рагҳои магнетит дар кони Харангон дар минтақаҳои шикастарез дар байни скарнҳо маҳдуд буда, якчанд насли боқимондаҳои сулфиддор доранд. Пайвастҳои минбаъда пирит, арсенопирит ва халькопиритро дар бар мегиранд, ки маъданҳои сулфид-магнетит ва сулфидро (дар қисми шимолу шарқӣ) ташкил медиҳанд.

Миқдори баланди Au (аз 0,7 то 8,2 г/т) ва Ag (0,9-107 г/т) дар маъданҳои пирит-пирротит ва арсенопирит-пирит мушоҳида мешаванд. Таҳлили спектротиллометрии тилло ва таҳлили спектрии умумӣ (барои 12 унсур) коррелятсияҳои назаррасро дар ҷуфтҳои Au-Fe, Au-Ag ва Au-Pb нишон медиҳанд. Ин маълумот, дар баробари «мавҷудияти ореолҳои консентратсияи Au дар минтақаи конҳои магнетитии гурӯҳи Харангон нишон медиҳанд, ки зарфияти минтақаи маъдани оҳан метавонад аз ҳисоби пайдоиши тилло ба таври назаррас васеъ карда шавад» [83, 101, 111].

Навъи петрогеохимиявии андезит комплекси вулканӣ-плутонии C_{2-3}-ро дар бар мегирад, ки аз габбро-гранитоидҳо (Ҳисор, Североварзоб ва дигар комплексҳо) ва андезитоидҳо (Шамол, Сиома ва дигар свитҳо) иборат аст. СММ -и габбро-гранитоидӣ хеле васеъ паҳн шудаанд, махсусан дар минтақаи Ҷанубии Ҳисор, ки масоҳати васеъро ишғол мекунанд. Онҳо ба дифференсиатсияҳои болисубдуксиявии магмаҳои мантиявии оҳакию ишқордори базалт-андезит тааллуқ доранд. Ҳамзамон бо онҳо маъданҳои W, Sn ва Au-дори камсулфид робитаҳои генетикӣ ва парагенетикӣ нишон медиҳанд, дар робита бо онҳо зуҳуротҳои скарн-магнетит ва скарн-шеелит бо минерализатсияи сулфидии баъдӣ (Cu, Au) маълуманд.

Гранитҳои коллизиявии металлҳои нодир-лейкогранитҳо, ки бо минерализатсияи W, Sn, Be, Nb ва Ta ҳамроҳанд, массивҳои калони Варзоби

Ҷанубӣ ва дигар комплексҳоро ташкил медиҳанд. Бо онҳо пегматитҳои металлҳои нодир, ки минерализатсияи W, Sn, Be, Nb ва Ta доранд, алоқаманданд.

Яке аз минтақаҳои умедбахши маъдани Ҳисору Олой қисми ғарбии он аст, ки дар он системаи маъданӣ-магмавии латиандезитии Чинорсой (бо маъдани тилло) рушд ёфтааст, ки массиви гранитоидии Чинорсой ва маъданҳои металлҳои нодиру тилло (Au, Ag, W, Bi)-ро муттаҳид мекунад. Системаи маъданӣ-магмавӣ дар минтақаи геоструктуравии Зарафшон - Ҳисор мустақар аст. Интрузияи Чинорсой дар байни қабатҳои таҳшинӣ-метаморфии палеозой, ки аз ҷиҳати таркиб ва синну сол гуногунанд, ҷойгир аст (расми 4).



Расми 4. Харитаи геологии массиви Чинорсой.
1–4 – КСМ: 1–молассаҳои континентӣ N_2 – Q, 2–кремний-карбонатӣ-терригенӣ D_2 – C_2, 3– карбонатии компенсатсияшудаи нишебиҳои континентӣ S–D_1, 4–маҷмааи ҷазираҳои камоншакли вулканогенӣ-терригенӣ PZ_1 (O_3–S_1); 5–6–гранитоидҳои латиандезитӣ: 5–монсодиоритҳои квартсӣ, гранодиоритҳо, 6–дайкаҳо бо таркиби миёнаи туршӣ; 7–рагҳои квартсӣ; 8–шикастаҳо; 9–ареалҳои намоён ва ниҳони қисми ғарбии минтақаи чинзадаи Барзангӣ-Шумқор (ҷинсҳои метатерригенӣ, метавулканӣ); 10–минтақаҳои тағйирёбии гидротермалӣ-метасоматизмӣ (скарншавӣ, кремнийшавӣ, роговикшавӣ, албитизатсия); 11–минтақаҳои ояндадори форматсияи квартс-сулфидҳои тиллодор; 12 – зуҳуроти тилло (доираи калон – кони штокверки Ҷилау, ки коркард мешавад).

Дар диаграммаи K-Th/U, гранитоидҳои монсонитоидӣ дар майдони ҷинсҳои камкалий ва таносуби миёнаи Th/U дошта ҷойгир шудаанд. Таркиби ҷинсҳои метатаҳшинии минтақа низ ба ин майдон дохил мешавад. Гранитоидҳо ба майдони фатсияҳои варақсангҳои сабз, эпидот-амфиболӣ ва амфиболитӣ шомил мешаванд, ки шароити мураккаби пайдоиши онҳоро нишон медиҳад. Хусусияти мураккаб ва беназири ташаккули онҳоро инчунин таркиби ҷинсҳои

кӯҳиро диаграммаи Ҷ.Пирс нишон медиҳад, ки онҳо дар сарҳади майдонҳои гранитоидҳои ҷазираҳои камонӣ ва коллизия ҷойгиранд.

Хусусияти минтақави петрогенетики гранитоидҳои СММ Чинорсой ин ташаккул дар шароити камобӣ дар сурати паст будани fO_2 (набудани магнетит, дараҷаи пасти оксидшавии ҷинсҳои кӯҳӣ f_O) онҳоро аз дигар петротипҳои минтақа бо субстратҳои асосташкил фарқ мекунад. Гранитоидҳои СММ бо хусусиятҳои беназири минералогӣ ва петрологӣ-геохимиявӣ тавсиф мешаванд, ки аломатҳои петрогенетикии минтақавии онҳоро инъикос мекунанд: хосияти монсонитоидӣ, таркиби аксессории сиркон-апатит-сфен (дар ҳолати набудани магнетит), асоснокии баланд, миқдори баланди W, Au, Ag, Bi, As. Конҳои тилло ва волфрам дар робита бо гранитоидҳо ташаккул меёбанд. Пайдоиши гранитоидҳо аз ҳисоби субстрати қисми поёнии қишри Замин ҷой доштааст. Онҳо ба «силсилаи оҳакию ишқорӣ-субишқорӣ, типи калий-натрий мутаалиқ буда, ба I-типи гранитоидҳо, ки ба марҳилаи коллизиявии рушди минтақа рост меоянд, алоқаманданд. Гранитоидҳои уқдаи маъдании Чинорсой ва минерализатсияи металлҳои нодиру тиллодор натиҷаи таҳаввули фазоӣ-замонии як СММ мебошанд. Маҷмӯи хосиятҳои петрологӣ ва геохимиявии гранитоидҳои уқдаи маъдании Чинорсой аз пайдоиши онҳо дар муҳити геодинамикии коллизиявӣ-субдуксиявӣ шаҳодат медиҳад» [71, 97, 109].

Дар байни сланетсҳо, навъҳои карбондори баланд (C_{org}>5%), ки дар қисмати шарқии минтақаи Зарафшону Ҳисор густариш ёфтаанд, зарфияти баланди тиллодориро дороянд. Сатҳи наздики миқдори тилло дар сланетсҳои карбондор (C_{org}=0,6....4%), квартс-фелдшпатдор ва квартс-хлорит-сериситдор мушоҳида мешавад. Таваҷҷӯҳи хосаро омӯзиши тиллодории вулканитҳои базитии сустметаморфизмшуда, ки қисми назарраси қисмати палеозои миёнаро (O_3-S_1) ташкил медиҳанд, месазад. Таносуби онҳо дар бурриши геологӣ ба самти шарқ меафзояд. Метаҷинсҳо бо зарфияти калони тиллодорӣ тавсиф мешаванд. Муайян кардани зарфияти тиллои онҳо аҳамияти хоса дорад, зеро тамоми зуҳуроти маълуми тилло дар минтақаи Зарафшону Ҳисор аз минтақаи ҷойгиршавии ин қабатҳо берун наемонанд. Сатҳи нисбатан баланди консентратсияи тилло барои метапелитҳо хос аст. Тақсимоти тилло дар маҳсулоти дараҷаҳои баланди метаморфизм - гнейсҳо нишон медиҳад, ки метаморфизми прорессивӣ боиси афзоиши назарраси қариб ҳама параметрҳои тақсимоти тилло мегардад. Бо баробари метаморфизми тамосии метаҷинсҳо хориҷшавии амиқи Au дар ҳамбастагӣ бо Sn ва Pb мушоҳида мешавад.

Ҳамин тариқ, СММ-и тиллою маъдандори латиандезитӣ ҳамчун як системаи комил амал мекунад, ки дар он робитаи возеҳ байни гранитоидҳо ва маъданфизоӣ мушоҳида мешавад.

СММ дараҷаҳои гуногуни иқтидори маъдандорӣ доранд, ки қисман дар шакли зуҳуроти унсурҳои гуногун амалӣ мешаванд [1, 93]. Аз ин лиҳоз, ҷолибтарини он метавонад комплекси ҷавони гранит-сиенитҳо бошад. Дар минтақаҳои Зарафшону Туркистон ва Зарафшону Ҳисор интрузияҳои ишқорӣ инкишоф ёфтаанд, ки ҷинсҳои кӯҳии аз ҳад зиёд сершудаи кремнийи то гранитҳоро дар бар мегиранд. Онҳо, чун қоида, бо гранитоидҳо алоқаманданд.

Ташаккули массиви интрузивии гранитоид-ишқорӣ-сиенитӣ эҳтимолан дар ду марҳила сурат гирифтааст. Дар марҳилаи аввал, дар охири замони карбон, гранитҳо ҳангоми ворид шудани магмаи риолитӣ ба уфуқҳои болоии қишр ва дифференсиатсияи дохиликамераи он марҳила ба марҳила пайдо шуданд. Моеъҳои (флюидҳо) сер боиси рушди васеъи пегматитҳо ва ҳосилаҳои рагӣ гардиданд [86, 134, 141]. Баъдан, коҳиши муваққатии фаъолияти магмавӣ ба амал омад, ки дар он магмаи боқимонда дар шароити фаъолияти баланди тектоникӣ (транспрессия) ва пулак-пулакзании шадид, таркиби худро ба самти афзоиши ишқорҳо тағйир дода аст. Равандҳои пулак-пулакзанӣ, ки ғафсшавии қишри заминро таъмин мекарданд, ба ин мусоидат карданд. Аммо, омили асосӣ, эҳтимол, плюми мантиявӣ буд, ки дар охири палеозой фаъол шуд. Базитҳои субишқорӣ (дайкаҳо ва лулаҳои эруптивии трахибазалтҳо ва базалтҳои субишқории оливинии комплекси Ҳисори Қаротегин (Моғиёни Ягноб) P_2-T_1), ки айни замон дар минтақаи комплекси гранитоид-ишқорӣ-сиенитӣ паҳноӣ ёфтаанд, ин фарзияро тасдиқ мекунанд.

Эҳтимол аст, ки пайдоиши сиенитҳо бо ғанӣ шудани тафтаи боқимондаи (пас аз пайдоиши гранитоидҳо) ғанӣ аз ишқорҳо алоқаманд бошад. Робитаи парагенетикии сиенитҳо бо базалтоидҳои ишқорӣ бо миқдори баланди литофилҳо дар онҳо тасдиқ карда мешавад (г/т): Li (32), Rb (91), Cs (4). Ҳамзамон дар онҳо миқдори ками моддаҳои бухоршаванда ва фаровонии магнетити аксессорӣ ҷой дорад. Ташаккули сиенитҳо дар робита бо таҳаввули магмаҳои турш бо қисмҳои боқимондаи кристаллизатсияи фраксияи онҳо, ки аз УНЗ ва моддаҳои бухоршаванда ғаниянд, алоқаманд аст. Аммо, ин фарзия бо ишқорнокии баланди сиенитҳо ва ғанӣ будани онҳо бо унсурҳои заряд баланддошта мухолиф аст. Метавон тахмин кард, ки «сиенитҳои ишқорӣ бо қабатҳои жарфтари қишри Замин, бо мантияи болоӣ алоқамандand. Гранитоидҳои маъдандор, ки маъданҳоро тавлид мекунанд, ба типи яонаи петрогеохимиявӣ тааллуқ доранд, ки ташаккули онҳо ҳангоми гудохташавии қисмӣ дар сатҳҳои гуногуни қишри континентии палеозой (гранитҳои навъи А) ва мантияи зериқишрӣ (сиенитҳои тпи I-А) ба амал омадааст.

Аз эҳтимол дур нест, ки ташаккули сиенитҳо дар Ҳисору Олой бо тектоникаи плюм алоқаманд бошад» [49, 70, 71]. Қисми муайяни минерализатсияи флюорит ва барит эҳтимолан бо базалтоидҳои ишқории марбут ба плюм алоқаманд аст. Металлогенияи магматизми плюми ишқорӣ-базалтии Ҳисору Олой ба таҳқиқоти муфассалтари изотопӣ-геохимиявӣ ниёз дорад, ки метавонад ба механизми мураккаби рушди онҳо ва аз ҳама муҳимтар, ба арзёбии миқдори маъдандории онҳо равшанӣ андозанд.

Ягонагии қисмҳои таркибии СММ пайдоиши маъданро чун раванди ҳамроҳ/анҷомдиҳанда муаррифӣ менамояд. Инро як қатор омилҳо (хосиятҳо) собит месозанд:

- типи магматогении пайдоиши маъданҳо [89, 95];
- наздикии фазоии маъданҳо ва массивҳои гранитоидӣ;
- якҷоягии гранитоидҳо ва маъданҳо дар сохторҳои геоструктурии ягона ва сохторҳои геологӣ;
- айнияти изотопии гранитоидҳо ва маъданҳо;

- мавҷудияти васеи минералҳои аксесорӣ (пирит, арсенопирит, халькопирит, галенит ва ғайра) дар гранитоидҳо, ки майдонҳои маъданҳоро ҳамроҳӣ мекунанд [113];

- рушди пайвастаи доираи унсурҳои асосӣ (индикаторӣ) дар силсилаи гранитоидҳо →аплитҳо →рагҳои кварцдор →маъданҳо ва ғайра [98, 114, 138].

